# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТӢ

**ба рисолаи номзадии Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Дар байни масъалаҳои то ҳол ба таҳқиқотҳои илмии минбаъда ниёздошта, ҷойи муҳимро масъалаи омӯзиши ҷумлаи пайрави пуркунанда ҳамчун воҳиди махсуси наҳв ва алоқаи мавҷудбудаи байни ҷузъҳои он ишғол менамояд. Ҷумла воҳиди асосии синтаксис (наҳв) буда, калимав ва ё ибора дар ҷумла ба ҳам тобеъ гардида, онҳо бахусус дар дохили ҷумла корбаст мегарданд. Ҷумла ва ҷумласозӣ дар системаи синтаксисӣ (низоми наҳвӣ) мавқеи бунёдиеро соҳиб мебошанд. Вазифаи аслии забон таъмини мубодилаи афкору андешаҳо ба тариқи ҷумла имконпазир мегардад ва ахборот маҳз дар ҷумла ва ба воситаи ҷумла ба вуқуъ меояд. Ба туфайли ҳамроҳшавии калимаю ибораҳо, навъҳои мухталифи ҷумла созмон меёбад.

Забони англисии муосир қонунҳои махсуси адабиеро доро мебошад, ки барои созмони ҷумлаҳои гуногун пояи асосии худро мегузорад. Падидаҳои асосии ҷумла, ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва пайваст, услуби тафсил ёфтани ҷумлаҳои сода, таснифот ва гурӯҳбандии ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати оҳангу мазмун ва сохт, тарзи ташаккул ва таҳаввули ҷумлаҳои мураккаб ва воситаҳои грамматикии онҳо, вазифа ва ҷойгоҳи ҷумлаҳои содаи таркибии ҷумлаҳои мураккаб ва муродифшавии онҳо аз умдатарин ва муҳимтарин масъалаҳои наҳв ба ҳисоб рафта, дар рушду такомули грамматикаи забонҳои таҳқиқшаванда асос мегузоранд.

Мусаллам аст, ки таҳқиқ ва омӯзиши муқоисавии забонҳо, бавижа, аз ҷиҳати сохторӣ-маъноӣ ва грамматикии онҳо дар замони муосир, яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ ба шумор рафта, на фақат аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар тарҷума ва таҳлили забонҳои олам аҳаммияти ҳамаҷонибаеро касб кардаанд, ки ин дар рафти муқоисаи грамматикии як забон ба забони дигар баръало маълум мегардад.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, хулосаҳои умумӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар маҷмуъ, фарогири 176 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

Чун анъана, дар мукаддимаи кор муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки мубрамии мавзуъ ва ба ҳайси мавзуи таҳқиқот пазируфта шудани он, дараҷаи омӯзиши он аз тарафи муҳаккиқони тоҷик ва то чӣ андоза бо барнома ва ё мавзуъҳои илмӣ, аз ҷумла, ба сархати 9-и Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 иртибот доштан, натиҷа ва хулосаҳои аз он бадастомадаро бобати истифода ҳангоми таҳияву такмили барномаҳои таълимӣ таъкид намудааст.

Диссертант Ҳакимзода Ф.И. дар қисмати “Тавсифи умумии таҳқиқот” мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии он, манобеъ ва навгониҳои дар кори хеш баррасикардаашро бо дарназардошти нуҳ нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои онро бо далеловарӣ таъкид сохта, ҳамзамон, ба шиносномаи ихтисоси илмӣ иртибот доштани мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот, саҳми шахсии худро, ҳамчун довталаби дараҷаи илмӣ ва ниҳоят, мавридҳои муҳокимаи кор ва интишороти хешро доир ба мавзуи таҳқиқот пайиҳам таъкид намудааст, ки барои хонанда шубҳаеро пеши рӯ намеоваранд.

Боби якум перомуни «Асосҳои назариявии масъалаи омӯзиши ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, он аз чор зерфасл иборат мебошад. Ҳар як зербоби он бо натиҷагириҳо ва тавсияҳои муҳаққиқ ба риштаи таҳқиқ ва муқоисаи ду забон кашида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия бошад, роҷеъ ба «Хусусиятҳои типологии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ карда шудааст, ки он ҳам бо тавсияҳо ва хулосабарориҳои унвонҷӯ дар асосиси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди таҳлил ва пажуҳиши дуҷониба қарор гирифтааст.

Диссертант дар басти 1-и боби аввал махсус хусусиятҳои наҳвии ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ва дар басти 2-и боби дуюм таҳлили сохторӣ-маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои англисӣ ва тоҷикиро ҳам дар иртибот ба ақидаҳои забоншиносони ватаниву бурунмарзӣ иҷроа намуда, ҳамзамон, ақидаҳои шахсии худро дар ин бобат пеш рондааст.

Басо муҳим аст, ки муаллиф дар охири ҳар басти боби мазкур нуктаҳои мухтасари ҷамъбасткунандаро оварда, ҷамъбасти умумии боби мазкурро тахти унвони “Хулосаи боби якум” андаке муфассал дар

доираи 1 саҳ. пешнҳод намудааст, ки қариб аксари гузоришоти ӯро дар иртибот ба ҳамаи он 8 баст пеши рӯ меоваранд.
Боби мазкур, яъне боби 2, низ бо хулосаи муаллиф, ки дар 5 банд ҷамъбасти худро ёфтааст, низ ба хонанда имкон медиҳад, ки дарҳол тамоми хидматҳои диссертантро бобати ҳаллу фасли ҳамин қисмати таҳқиқоташ пеши рӯ оварда, баҳогузорӣ намояд.

Хидмати муҳаққиқонаи диссертант Ф.И.Ҳакимзодаро, инчунин, дар баррасии боби 2-и кораш, ки ба он "Хусусиятҳои типологии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ном ниҳодааст, метавон махсус таъкид намуд. Дар боби мазкур, ки аз чор фасл иборат мебошад, муаллиф пас аз як муқаддимаи начандон тулонӣ оид ба мафҳуми ҷумлаи пайрави пуркунанда маълумоти мушаххас дода, пайиҳам доир ба махсусиятҳои истифодаи он: тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда, воситаҳои алоқаи грамматикии наҳви дар ташаккули ҷумлаи пайрави пуркунанда, оҳанг ва ё интонатсия аз асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мисолҳои боварибахш оварда, ҳамзамон, он мисолҳо (ҷумлаҳо)-ро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст.

Бахусус, дар боби мазкур аз тарафи диссертант нозукбинона муқаррар намудани тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда, воситаҳои алоқаи грамматикии наҳви дар ташаккули ҷумлаи пайрави пуркунанда, оҳанг ва ё интонатсия ва ғайраҳо бо пешниҳоди мисолҳои эътимоднок яке аз рукнҳои муаррификунандаи дорои қобилияти забоншиносӣ доштани диссертант маҳсуб меёбаду чунин амали ӯ, ҳамчунин, бобати овардану таҳлил намудани ҷумлаҳои пайрави пуркунанда вобаста ба хелҳои ҷумлаҳои пайрав аз асари мазкур низ ба назар мерасанд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ мушахассан ифода карда шуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст.
Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.
Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Муҳтавои диссертатсия дар 13 мақолаи илмӣ, ки 4-тои онҳо дар маҷалла (нашрия)-ҳои тақризшаванда ва 9 мақолаи дигар дар маводи конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидааст, ки

дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муҳаққиқро инъикос намуда, ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамояд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад.

Аҳамияти таҳқиқот, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ чунин хулосабарорӣ намуд, ки диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ бевосита ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя пешниҳод карда шавад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқ мебошанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

–**Тағоева Табассум Музаффаровна** - доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

- **Азизова Мастона Ҳамидовна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абу Абдуллоҳи Рӯдакӣ** пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
профессор узви Шуро Қосимов Олимҷон Ҳабибович
**Аъзоён:**
Номзади илми филология,
дотсент узви Шуро Матробиён Саодатшо Қосимзода

Номзади илми филология,
Дотсент узви Шуро Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна

«27» декабри соли 2024

Имзоҳои О.Ҳ.Қосимов, Г.З.Абдуллоева ва С.К. Матробиёнро
**“тасдиқ”** менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Халифаев Ф.Н.

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003;
Сомона: www.ddzt.tj,
E-mail : ddzt@ddzt.tj